Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №110 (2937) | СЕШАНБЕ, 4 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ТАВОНО БУВАД, ҲАР КӢ ДОНО БУВАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи дониш дар Мактаби байналмилалии президентӣ дар шаҳри Душанбе**

**1 сентябри соли 2012, ш.Душанбе**




**Устодони гиромӣ ва фарзандони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳар сол дар оғози соли таҳсил ба таври васеъ таҷлил кардани Рӯзи дониш рамзи эҳтироми амиқи мардуми соҳибтамаддуни тоҷик ба донишу маърифат мебошад.

Мулоқоти имсолаи мо ба муносибати Рӯзи дониш дар бинои хушсохту замонавии Мактаби байналмилалии президентӣ дар арафаи бисту якумин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ва бистсолагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки чун санаҳои тақдирсоз имрӯзу ояндаи миллати моро дар марҳалаи эҳёи давлатдории миллиамон муайян сохтаанд, баргузор мегардад.

Ба ин муносибат тамоми толибилмон ва аҳли маорифи Тоҷикистон, аз ҷумла ҳамаи шумо - устодону омӯзгорон ва хонандагону донишҷӯёни азизро, самимона табрику таҳният гуфта, бароятон дар фатҳи қуллаҳои баланди дониш комёбиҳо орзумандам.

Дар кори бунёди ин маҷмааи бисёр зебои замонавӣ меъморону сохтмончиён заҳмати зиёд кашида, барои фарзандони мардуми диёрамон тӯҳфаи дар ҳақиқат идона омода кардаанд, ки ба ҳамаи онҳо изҳори миннатдорӣ менамоям.

Имрӯз чун рӯзи илму дониш аст, мехоҳам таъкид намоям, ки навсозӣ ва рушду такомули тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро бидуни пешрафти илму маориф таъмин намудан аз имкон берун аст.

Давраи ҳозираи инкишофи ҷомеа тақозо менамояд, ки Ҳукумати кишвар ба рушди илму маориф, истифодаи босамари иқтидору тавоноиҳои илмӣ, таҷдиду такмили заминаи моддиву техникии соҳаи маориф, Академияи илмҳо ва муассисаҳои илмию тадқиқотӣ таваҷҷуҳи боз ҳам бештар зоҳир намуда, барои пайдо намудани роҳи ҳалли масъалаҳои муҳиму мубрами соҳа чораҳои бетаъхир андешад.

Дар робита ба ин, ҷойи зикри хос аст, ки мавриди истифода қарор додани боз як муассисаи нави таълимӣ аз ҷумлаи иқдомоти Ҳукумат дар самти тақвият бахшидани соҳаи маорифи кишвар маҳсуб меёбад.

Мактаби байналмилалии президентӣ дар ҳақиқат, бо дарназардошти талаботи муосир, нисбат ба муассисаҳои таълимии сатҳи байналмилалӣ ба маблағи умумии қариб 80 миллион сомонӣ сохта шуда, бо тамоми таҷҳизоту технологияҳои заруриии ҳозиразамон ва шароити олӣ барои донишомӯзӣ таъмин гардидааст.

Ин муассисаи таълимӣ дорои 1038 ҷойи нишаст, ду бинои хобгоҳ барои ҳамаи донишомӯзон ва хонаи истиқоматии иборат аз 28 ҳуҷра барои омӯзгорон буда, аз 84 синфхона, ду китобхона, синфхонаҳои компютерию лингофонӣ, озмоишгоҳҳои фаннӣ, толорҳои варзишӣ, ошхона ва дигар биноҳои ёрирасон иборат мебошад.

Вобаста ба ин, мехоҳам дар ин рӯзи тантанаи илму дониш оид ба баъзе масъалаҳои умдаи соҳаи маориф, таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар замони ҷаҳонишавӣ ибрози андеша намоям.

Дар ин раванд мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки ҳар як марҳилаи инкишофи ҷомеа ҷустуҷӯйи роҳҳои нав ва муносибати эҷодкоронаро тақозо менамояд.

Бо дарназардошти ин масъала ва тазодҳои дигари замони ҷаҳонишавӣ кулли зиёиён ва дар навбати аввал кормандони соҳаҳои илму маориф бояд возеҳан дарк намоянд, ки дар раванди омода сохтани кадрҳои баландихтисос ҳадафи асосӣ аз чӣ иборат аст.

Ман қаблан гуфта будам ва имрӯз бори дигар таъкид менамоям, ки пешрафти давлат, таҳкими иқтисодиёти миллӣ ва рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бидуни ширкати мутахассисони варзида ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, бе дарки амиқи ин ҳадаф эъмори ҷомеаи мутараққиву мутамаддин ва таъмин намудани сатҳи муносиб ва сазовори зиндагии аҳолӣ басо мушкил хоҳад буд.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз, мақсади асосии мо дар самти тақвияти соҳаи маориф дар замони рушди босуръати илму технология омода намудани кадрҳои баландихтисос мебошад.

Барои амалӣ намудани ин ҳадафи муҳим аз кормандони соҳаи маориф ва гузашта аз ин, аз тамоми ҷомеа тақозо мегардад, ки дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замона саҳмгузор бошанд.

Дар баробари таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба таълиму тарбия омӯзгорон бояд дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ диққати ҷиддиро ба баланд бардоштани сатҳи малакаву дониши толибилмон, махсусан ихтисосҳои мутобиқ ба талаботи муосир равона созанд. Зеро дар айни замон ин масъала аз ҷумлаи талаботи асосии иқтисоди бозорӣ низ мебошад.

Дар ин раванд ҳамчунин зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи донишу таҷриба ва арзишу суннатҳои неки миллӣ, таҳлил ва шинохти амиқи мақоми тоҷикон ҳамчун миллати худогоҳ ва дорои фарҳангу таърихи қадима дар тамаддуни ҷаҳонӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Чунки мардуми мо дар тӯли таърих ҳамчун миллати қадимаи фарҳангӣ, соҳибкитоб ва соҳибтамаддун шинохта шудааст. Дар аксари сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки тоҷикон ҳамеша мақоми табақаи донишманд, идоракунандагони девону дафтар, устодони илмӣ ва мураббиёни маънавиро доштаанд.

Маҳз ҳамин хислати мардуми тоҷик боис шудааст, ки бо вуҷуди дар муддати тӯлонӣ аз даст рафтани ҳокимияти сиёсиаш неруи маънавӣ ва имкониятҳои илмиву фарҳангии худро ҳаргиз аз даст надода, ба ин восита ҳифзу наҷоти худро таъмин намудааст.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# МАҶМААИ БИНОҲОИ НАВБУНЁД БАРОИ РАЁСАТИ ТИББИИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Якуми сентябри соли 2012 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба маҷмааи биноҳои навбунёди Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, онро дар фазои тантанавӣ ифтитоҳ намуд.**

Тавре зикр гардид, ин маҷмаа аз биноҳои дармонгоҳ, шифохона бо 100 кати хоб, комиссияи марказии тиббии ҳарбӣ ва маркази барқарорсозии саломатӣ, ки бо шароити монанд ба осоишгоҳ бунёд ёфтааст, иборат мебошад. Ҳамаи ин биноҳо бо таҷҳизоти нави замонавӣ ва шароити хуби хизматрасонӣ муҷаҳҳаз гардидаанд. Дармонгоҳи он дар як рӯз метавонад ба зиёда аз 300 нафар хизмати тиббӣ расонад. Дар утоқҳои ҷарроҳии он шароити гузарондани тамоми намудҳои ин амалиёт, ғайр аз ҷарроҳии дил, муҳайё аст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити дар ин ҷо барои муоинаю ташхис ва табобату солимгардонӣ муҳайёгардида баҳои баланд дода, ба масъулин дастур дод, ки хизматрасониро ба беморону ниёзмандон дар сатҳи баланд ва бо ғамхорию шафқати матлуб ба роҳ монанд.

*www.president.tj*

## Ифтитоҳи Мактаби байналмилалии президентӣ дар шаҳри Душанбе

**Якуми сентябри соли 2012 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бинои боҳашамати Мактаби байналмилалии президентӣ дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ ёфт.**



Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Мактаби байналмилалии президентӣ, ки бо харҷи беш аз 80 миллион сомонӣ бунёд ёфта, барои 1100 нафар хонандаи хушлаёқат пешбинӣ шудааст, ташриф оварда, онро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Чунонки аён гардид, ин мактаби боҳашамат аз биноҳои таълимӣ, толори бузурги маҷлисӣ, ду толори варзишӣ, варзишгоҳи калон барои намудҳои гуногун, ду хобгоҳи алоҳида барои духтарону писарон бо 1100 ҷойи хоб, хонаҳои истиқоматӣ барои омӯзгорон ва дигар биноҳои ёрирасон иборат аст.

Зимни сӯҳбат бо аҳли мактаб ва масъулини соҳаи маориф, аз ҷумла зикр гардид, ки ба ин муассисаи бонуфузи таълимӣ ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон танҳо аз роҳи озмун пазируфта мешаванд. Забони асосии таълим дар ин мактаб англисӣ мебошад, аз ин хотир ҳамаи нафароне, ки дар ин ҷо кору таҳсил мекунанд, бояд донандагони хуби ин забон бошанд. Албатта, дарсҳои забону адабиёти тоҷик ва таърихи Тоҷикистон бо тоҷикӣ ва русию дигар забонҳо мутаносибан бо ҳамин забонҳо ба роҳ монда мешаванд.

Барои дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани дарсҳо беҳтарин омӯзгорон аз дохил ва хориҷи кишвар ҷалб карда мешаванд.

Тавре аён гардид, синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳои фаннии биноҳои таълимӣ бо навтарин дастовардҳои ҷаҳонии соҳа, аз ҷумла компютеру тахтаҳои электронӣ, дастгоҳҳои техникии озмоишӣ ва ҳунаромӯзии писарону духтарон муҷаҳҳаз гардидааст. Барномаҳои таълимӣ дар заминаи санадҳои донишгоҳҳои Кембриҷу Оксфорд, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд, бо назардошти ниёзҳо ва арзишҳои миллии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидаанд.

Бо ҳамин гуна шароити муосир, ҳамчунин толорҳои маҷлисӣ, ошхонаи мактабӣ, толорҳои бузурги варзишӣ, ки барои намудҳои гуногуни варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, тенниси калон пешбинӣ шудаанд, варзишгоҳи калон, ошхонаҳои омӯзгорону хонандагон ва ғайра муҷаҳҳаз мебошанд.

Ду бинои алоҳидаи хобгоҳ, ки яке барои писарон ва дуввумӣ барои духтарон пешбинӣ шудааст, метавонанд то 1100 нафар хонандагонро фаро бигиранд.

Як бинои истиқоматӣ барои омӯзгорон бунёд ёфтааст, ки дорои 28 хонаи як ва духуҷрагӣ бо тамоми шароити зисти доимӣ мебошанд.

Зимни сухаронӣ дар толори бузургу бошукуҳи мактаб Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аҳли ин ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва ҳамчунин ҳамаи мардуми кишварро бо оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш табрику таҳният гуфт.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз тадбирҳои бесобиқаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла сохтмону навсозии муассисаҳои муосири таҳсилотӣ ва муҳайёсозии беҳтарин шароити таълиму тарбия дар онҳо насли навраси кишварро ба омӯзиши амиқи илму дониш ва техникаю технологияҳои зуд рушдёбанда ҳидоят намуд.

*www.president.tj*



# Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**3 сентябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи ғайринавбатии Шӯро тасдиқ шуд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов масъалаи нахустини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод карда, тавзеҳ дод.

-Дар лоиҳаи Кодекс расмиёти андозбандӣ ва ҳисобдиҳӣ хеле соддаю шаффоф пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии лоиҳаи нав баланд бардоштани самарабахшӣ ва сабук намудани бори андозҳо тавассути зиёд кардани шумораи андозсупорандагон, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ аст, - изҳор дошт Сафаралӣ Раҷабов зимни шарҳи лоиҳаи Кодекси андоз.
- Дар муқоиса бо Кодекси амалкунанда дар лоиҳаи нави Кодекси андоз 25 тағйироти асосӣ вобаста ба сиёсати андоз ва 10 тағйироти асосӣ вобаста ба маъмурикунонии андоз ворид карда шудааст.

Мутобиқи муқаррароти қарори қабулнамудаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардид.

Аз рӯйи масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ва «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия оид ба ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо аз истифодаи ғайриқонунии фонограммаҳои онҳо» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, масъалаҳои номбурда барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Доир ба масъалаҳои дигари рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи баҳисобгирии овозҳо дар ҷаласаҳои Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Котиботи Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурӯҳи назоратӣ оид ба системаи электронии овоздиҳӣ дар ҷаласаҳои Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси кори Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардиданд.

Масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи муқаррароти қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи сафари хизматии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои гузаронидани вохӯриҳо бо интихобкунандагон» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» таври алоҳида қарорҳо қабул намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# САФАРИ ДАВЛАТӢ БА ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН

**Якуми сентябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷом додани сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Ҳиндустон сафар кард.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёров ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ Эркин Раҳматуллоев, вазири энергетика ва саноат Гул Шералӣ, президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Мамадшо Илолов, вазири маориф Нуриддин Саидов, вазири тандурустӣ Нусратулло Салимов, вазири фарҳанг Мирзошоҳрух Асрорӣ, вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Маҳмадамин Маҳмадаминов, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшо Неъматов, сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

****

### Мулоқот бо губернатори иёлати Гоа Бҳарат Вир Ванчу

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон аз иёлати Гоаи ин давлат оғоз ёфт.

Дар ин ҷо Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро бо самимияти баланд ва меҳмоннавозии хоса истиқбол гирифтанд.

Зимни мулоқот бо губернатори иёлати Гоа Бҳарат Вир Ванчу масоили вобаста ба ҳамкории Тоҷикистон бо ин минтақаи Ҳиндустон, ки дар қисмати ҷанубу ғарбии он қарор дорад, баррасӣ шуд.

Бо ишора ба пайвандҳои амиқи фарҳангӣ ва ҳамрешагии забонҳои тоҷикию ҳиндӣ ва ҳамчунин имкону захираҳои фаровони ташкил ва густариши ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ҳар ду ҷониб ба тавсиаи робитаҳои судбахш изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, парвариш ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, дорусозӣ, бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ, табодули таҷриба дар соҳаи ҷаҳонгардӣ ва ба роҳ мондани робитаҳои пайвастаи илмию фарҳангӣ зоҳир карда шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба масоили минтақа, ҷаҳон ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

*www.president.tj*

# ҚАРОРИ

## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 31 августи соли 2012 № 475 ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шодмонбеков Ф.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шодмонбеков Фародбек Алиёрбекович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ

## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 31 августи соли 2012 № 476 ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Навҷувонов А.Ш.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Навҷувонов Абдулло Шанбиевич муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ТАВОНО БУВАД, ҲАР КӢ ДОНО БУВАД




(Идома аз саҳ. 1)

Саҳми гузаштагони миллати тоҷик дар тамаддуни ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар рушди илми башарӣ то андозае равшану бузург аст, ки ҳоҷат ба зикру баёни муфассали он нест. Миллати мо дар тӯли асрҳо ба аҳли башар садҳо фарзандони фарзонаро тақдим намудааст, ки онҳо дар фарҳангу адабу маънавиёт, инчунин илмҳои дақиқ нақши барҷаста доранд.

Бисёр кашфиёту дастовардҳои бунёдӣ дар соҳаи улуми дақиқ, аз қабили риёзиву ҳандаса, ситорашиносиву алҷабр ва тиббу табиатшиносӣ, ки аз тарафи гузаштагони барӯманди мо анҷом ёфтаанд, то имрӯз дар илми башарӣ дорои аҳамияти калон мебошанд.

Яъне, шумо, наврасону ҷавонони имрӯзаи тоҷик, воқеан ворисони фарҳангу тамаддуне ҳастед, ки он аз сарогози худ ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ дурдонаҳои пурарзиши илмиву адабиро ворид сохта, дар ташаккули соҳаҳои гуногуни илми муосир ҳамчун манбаи файзбор хизмат кардааст.

Ва акнун замоне, ки баъди ҳазор сол ба мо ифтихори давлатдории миллӣ насиб гардидааст, тақозо мегардад, ки ба гузашта на танҳо ба хотири ифтихор назар афканем, балки барои пешрафти илми муосири тоҷик иқдомоти тозаву устуворро амалӣ намоем.

Масъалаи дуюм, ки дар пайвастагӣ бо масъалаи якум ба миён бояд гузошта шавад, бознигарии худи мафҳуми «дониш» мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва воридшавии башарият ба асри иттилоот ва технологияҳои баландсуръат бисёр мафҳуму падидаҳо маъниву мазмуни нав гирифтаанд, ки мафҳуми «дониш» низ яке аз онҳо мебошад.

Дар гузашта инсоне, ки хондан ва навиштанро метавонист, шахси босавод ҳисоб мешуд. Вале дар асри ҷаҳонишавӣ мафҳуми савод дигар фақат маънои хондан ва навиштанро дар бар намегирад.

Ба ибораи дигар, дар замони ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму техника ин мафҳум маънои комилан нав ва бисёр фарох касб кардааст. Акнун нафаре босавод шуморида мешавад, ки на танҳо хонда ва навишта тавонад, балки маҷмӯи донишҳои муназзами замонавӣ дошта, забони давлатиро дар сатҳи аъло донад, инчунин як ё ду забони хориҷӣ ва тарзи дурусти истифодаи технологияҳои имрӯзаро аз худ карда бошад.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф, Академияи илмҳо ва Академияи таҳсилотро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимии мактабҳои миёна, миёнаи касбӣ ва мактабҳои олӣ талаботи нав ба савод ва саводнокиро ба назар гиранд.

Барномаҳои таълимии мо бояд тарзе сохта шаванд, ки таълимгиранда соҳиби саводу маърифат ба маънои воқеӣ ва муосири он гардад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки қариб кулли давлатҳои пешрафта ва кишварҳои рӯ ба инкишоф саводомӯзии мардуми худро тавассути китоб ва ба андӯхтани дониш ҷалб намудани кӯдакону наврасон таъмин намудаанд.

Ва бештари мамлакатҳои пешрафта имрӯз ҳам барномаи босаводкунии ҷомеаи худро маҳз дар ҳамин асос тартиб дода, ба тарбияи кӯдакон диққати бештар медиҳанд.

Аз ҷумла истифодаи энсиклопедияҳои гуногуни бачагона яке аз роҳҳои маъмули маърифатнок намудани кӯдакон дар ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад.

Зеро энсиклопедияҳо доираи васеи донишҳои инсониро дар бар гирифта, дар онҳо ҷузъиёти ҳодисаву падидаҳо ба таври мухтасар ва соддаву фаҳмо таҳлил карда мешавад.

Чун кӯдак пас аз сесолагӣ ба донистани олами атроф мароқ зоҳир мекунад, истифодаи маълумоти соддаи энсиклопедӣ хеле мувофиқ ва муҳим аст.

Барои кӯдакони мактабхон низ маълумоти энсиклопедӣ дар баробари китобҳои дарсӣ хеле зарурӣ мебошад. Ин аст, ки дар ҷаҳон садҳо намуд донишномаҳо барои кӯдакону наврасон нашр мешаванд.

Ба ибораи дигар, то давраи мактабхон шуданаш кӯдак бо донишҳои аввалияи инсонӣ ба таври соддаву фаҳмо мусаллаҳ мегардад. Дар натиҷа кори таълиму тарбияи ӯ дар мактаб ва мушкилоти омӯзиш бамаротиб осон мешавад.

Ҷойи таассуф аст, ки дар кишвари мо чунин энсиклопедияҳо вуҷуд надоранд. Яъне, фарзандони мо аз донишҳои аввалия ва соддаи инсонӣ дар доираҳои нисбатан маҳдуд бархӯрдор мегарданд.

Бо дарназардошти ин, ба Сарредаксияи Энсиклопедияи миллии тоҷик супориш дода мешавад, ки дар муддати се моҳ масъалаи таҳия ва ба нашр омода намудани «Энсиклопедияи бузурги бачагона»- ро ҳаматарафа омӯхта, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод манзур намояд.

Масъалаи дигари умдае, ки бояд ба он афзалият дода шавад, таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф ҳамчун ба яке аз пояҳои муҳими қудрати миллӣ ва яке аз омилҳои суботу амнияти миллӣ мебошад.

Муҳити пурталотуми ҷаҳонишавӣ ва мураккабшавии моҳияти равандҳои сиёсиву иқтисодии байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар оянда маҳз миллатҳое муваффақ ва пойдор хоҳанд монд, ки низоми маорифи онҳо пешрафта ва сатҳи воқеии дониши мардумонашон баланд бошад.

Ҳаёт собит месозад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ миллатҳое, ки дорои саводу маърифати қобили рақобат нестанд, батадриҷ бо миллатҳои бузург омехта шуда, аз байн хоҳанд рафт.

Ин аст, ки дар асри нав байни масъалаи дониш ва бақои миллат пайванди амиқ ва ногусастанӣ ба вуҷуд омадааст. Яъне, дар оянда маҳз дониши баланди муосир бақои ҳар миллату давлатро таъмин менамояд.

Имрӯз яке аз андешаҳои ғолибе, ки дар зеҳни ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳон мавқеи калидӣ дорад, таносуби мафҳумҳои дониш ва қудрат мебошад. Дар пештоқи аксари муассисаҳои илмии кишварҳои пешрафта шиори «Дониш қудрат аст» навишта шудааст.

Яъне, дар замони муосир илму савод барои ҳастӣ, рушд ва зиндагии саодатманди миллатҳо моҳияти ҳаётӣ касб кардааст.

Албатта, пайванди дониш ва қудрат, балки худи қудрат будани донишу иттилоот, ки дар шароити кунунӣ ба яке аз шиорҳои асосии ҷомеаи пешрафта табдил шудааст, барои фарҳанги кӯҳанбунёди мо сухани нав нест.

Ин маънии баландро ҳанӯз беш аз ҳазор сол пеш Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ба шакли бисёр зебо гуфта буд, ки «Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад».

Баъдан, фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ҳанӯз дар асри даҳуми мелодӣ ба мафҳуми илм ва мартабаи олим аз дидгоҳи таҳқиқӣ нигариста, ба чунин натиҷаи илмӣ расида буд:

«Ба даст овардани илм барои ҳамаи соҳибдилон воҷиб ва зарур аст. Илм зидди ҷаҳолат аст ва нодонӣ аз хосиятҳои торикист. Аз ин рӯ, илм шарифтар аз ҷаҳолат аст, зеро нодонӣ мисли кӯрӣ ва торикист, дар ҳоле ки илму дониш дидаи биност».

Пас миллате, ки ҳазор сол пеш дар ин поя ба сухан ва илму дониш арҷ гузоштааст, имрӯз низ бояд офарандаи сухан, илму дониши замонавӣ ва андешаи нав бошад.

Вақте мо дониш ва иттилоотро омили қудрати миллатҳо меномем, он танҳо ба маънои қудрати сиёсӣ ва низомӣ нест. Балки дониш имрӯз барои давлатҳо ва миллатҳо қудрати иқтисодӣ, тавони молиявию амниятӣ ва суди дилхоҳ ба бор меорад.

Масалан, баъзе кишварҳои пешрафтаи аврупоӣ, аз ҷумла Шветсия, Норвегия ва Финляндия, ки масоҳати нисбатан хурд ва аҳолии кам доранд, тавонистанд низоми беҳтарини маориф, сатҳи баланди саводи аҳолӣ ва рушди технологиро таъмин намоянд.

Ин давлатҳо фақат аз ҳисоби таҳқиқоти илмӣ ва ихтирооту навовариҳои технологӣ даромаде ба даст меоранд, ки аз фоидаи баъзе кишварҳои содиркунандаи нафт зиёдтар мебошад.

Онҳо бо вуҷуди ин, ки захираҳои фаровони табиӣ надоранд, маҳз аз ҳисоби сатҳи баланди илму маърифат ва дастовардҳои технологӣ сатҳи шоистаи зиндагии мардуми худро таъмин намудаанд.

Имрӯз суботу амнияти миллатҳо ва давлатҳо низ ба дараҷаи рушди илму маориф ва техникаву технологияҳои онҳо вобаста мебошад. Рӯйдодҳои сиёсӣ ва геополитикии солҳои охир нишон доданд, ки камогоҳӣ, сатҳи номатлуби дониш, аз моҳияти равандҳои сиёсӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ бохабар набудани мардум метавонад ба хатари ҷиддие ба суботу амнияти давлатҳо табдил гардад.

Вақте насли ҷавони мо аз надоштани дониши кофӣ ва огоҳии комил аз арзишҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва зарурату воқеиятҳои ҷомеаи худро дуруст дарк ва арзёбӣ карда натавонад, он ба осонӣ тӯъмаи муборизаҳои мафкуравии доираҳои ғаразноки беруна мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бе таъмини дониши муосири саросарии аҳолӣ таъмин намудани рушди устувор, зиндагии шоистаи мардум ва ояндаи босуботи давлат низ номумкин мебошад.

Барои он ки мо дар ин самт ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардем, авалан зарур аст, ки тамоми ҷомеа ба масъалаи таълиму тарбия ва рушди илму маориф рӯ оварад. Мо вазифадорем, ки наврасону ҷавононро дар рӯҳияи арҷгузорӣ ба илму маърифат, худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия кунем, то ки онҳо ворисони ҳақиқии ин давлату миллат буданашонро ботинан эҳсос намоянд ва барои ободии сарзамини аҷдодии хеш огоҳона саъю талош варзанд.

Масъалаи дигари ниҳоят муҳим ин таъмин намудани таносуби дониш ва ахлоқ дар низоми маорифи миллии кишвар ва дар ташаккули насли наврас мебошад.

Тавре маълум аст, солҳои охир давлат барои эҳёи соҳаи маориф ва баланд бардоштани одобу ахлоқи хонандагон талошҳои зиёд намуда, дар ин самт як силсила қонуну барномаҳои фарогирро қабул ва амалӣ карда истодааст.

Вале бо вуҷуди ҳама ҷаҳду талошҳо то имрӯз ахлоқу маънавиёти баъзе хонандагону ҷавонон ва муносибати бархе аз падару модарон ба ин масъалаи ниҳоят муҳим боиси ташвиш аст.

Бояд гуфт, ки ин зуҳурот танҳо хоси як ҷомеаи мо нест. Мусаллам аст, ки дар давраи гузариш ҳар як ҷомеа аз рӯйи қонунҳои рушд ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегардад.

Дар ин давра поён омадани сатҳи дониш ва одобу ахлоқ, коҳиши амнияти ҷомеа, афзоиши қонуншиканӣ ва дар маҷмӯъ ғайримуассир будани фаъолияти сохторҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳодисаҳои номатлубе, ки солҳои охир дар байни наврасону ҷавонони баъзе шаҳру ноҳияҳои мамлакат рух дода истодаанд, бори дигар собит месозанд, ки ислоҳоти низоми маориф фақат бунёди мактабу синфхонаҳои нав, таъмиру таъминоти онҳо бо техника ва технологияҳои замонавӣ ё ороиши синфхонаҳо набуда, бояд он, пеш аз ҳама, ба тақвияти дониш ва одобу ахлоқ равона карда шавад.

Афзоиши сафи ҷинояткорӣ дар байни наврасону ҷавонон имрӯз боиси ташвиши аҳли ҷомеа гардидааст, ки ин бесабаб нест. Зеро ин зуҳуроти номатлуб як ҳодисаи муқаррарӣ набуда, бояд ҳамчун мушкилоти ҷомеа ва масъалаи муҳими давлатӣ арзёбӣ карда шавад.

Бо дарназардошти ин, ба вазоратҳои маориф, корҳои дохилӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ супориш дода мешавад, ки сабабу омилҳо ва пайомадҳои вайроншавии ахлоқи баъзе аз хонандагони мактабҳои миёна, наврасону ҷавонон ва донишҷӯёнро омӯхта, дар ин бора гузориши муфассал ва нақшаи чорабиниҳои мушаххасро тарҳрезӣ ва ба Ҳукумат пешниҳод намоянд.

Илова бар ин, Вазорати маориф корҳои тарбиявиву фаҳмондадиҳиро ҳангоми тадриси барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ пурзӯр намуда, ҷалби устодони ботаҷриба, рӯзгордида ва дорои ахлоқи ҳамидаро ба ин кор ҳар чӣ васеътар ба роҳ монад.

Дар робита бо ин, таъкид месозам, ки дар ин масъалаи ҳаётан муҳим тамоми ҷомеа бояд масъулият дошта бошад.

Тибқи анъанаи неке, ки чанд сол инҷониб давом дорад, дар Рӯзи дониш дар ҳамаи мактабҳои кишвар дарси сулҳ баргузор мегардад. Зеро сулҳу амният барои тамоми халқҳои рӯйи замин мафҳуми азиз ва гиромӣ мебошад.

Вале махсусан барои мардуми Тоҷикистон ин мафҳум фавқулодда азизу муқаддас аст. Мардуме, ки офати ҷангро паси сар намудааст, ба қадри сулҳу оромӣ бештар мерасад.

Наслҳое, ки аз оташи ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ гузаштаанд, имрӯз бе ҳеҷ ташвиқу тарғиб худашон ба посдорону нигаҳдорони сулҳ табдил ёфтаанд.

Вале ҳамзамон бо ин, бояд таъкид кард, ки мо ин арзишҳои баландро ба насли ҷавон ва фарзандони худ ҳамеша талқин намоем. Зеро сулҳу субот вақте устувор ва доимӣ мегардад, ки он ба фарҳанги мардум ва ба яке аз рукнҳои асосии ҷаҳонбинии насли наврас табдил ёбад.

Хушбахтона, мо сулҳро ҳамчун воқеияти ҷамъиятӣ ва падидаи ҳуқуқиву сиёсӣ ба даст овардем ва имрӯз бори дигар шукргузорӣ мекунем, ки дар муҳити сулҳу субот зиндагии осуда дорем. Вале акнун замони он расидааст, ки мо мафҳуми сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллиро ҳамчун фарҳанги зиндагии мардум васеъ ва амиқ гардонем.

Дар марҳилаи нави рушди кишвар мо бояд сулҳу ризоияти миллиро ҳамчун як фарҳанги умумимиллӣ ташаккул диҳем. Зеро сулҳу ризоият шарти бақо, пешрафт ва ояндаи дурахшони мардуми Тоҷикистон мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Асоси ободии ҷомеа ва омили муҳимтарини бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд тарбияи инсони солим ва бофарҳангу эҷодкор аст. Тарбия ва бунёди чунин инсон берун аз оилаи солим муяссар нахоҳад шуд.

Аз ин рӯ, бо мақсади баланд бардоштани мақому манзалати волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд чанде пеш мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қабул намудем.

Иҷрои дурусти ин қонун имкон медиҳад, ки мо дар тарбияи насли наврас як механизми комили тарбия - мактаб, оила ва ҷомеаро ташаккул диҳем, ки фарзандони мо дар оғӯши тарбияи ҳамешагӣ ва ҳамагонӣ қарор дошта бошанд.

Қонуни мазкур барои ҳалли масъалаи мубрам ва дардноки ҷомеаи мо равона шудааст. Зеро як қисми неруи бузурги ояндасози ҷомеа, ҳимоятгари истиқлолият ва амнияти ояндаи кишвар, яъне фарзандони мову шумо бо амри тақдир ва таъсири ҳаводиси мухталифи рӯзгор аз мадди назари мактаб, волидон ва ҷомеаву давлат дур мондаанд.

Мутаассифона, ҳоло низ баъзе падару модароне ҳастанд, ки ба таълиму тарбияи фарзандони худ, ки масъалаи ниҳоят муҳим буда, таҳти таваҷҷуҳи ҳамешагии давлату Ҳукумати кишвар қарор дорад, хунукназарона рафтор менамоянд.

Аз ҷумла баъзеи онҳо бе дарки оқибатҳои вазнини тақдири фарзанд бачаҳои ноболиғро бо роҳҳои ғайриқонунӣ ба хориҷи кишвар барои таълими динӣ ба муассисаҳои таълимии равияи экстремистӣ мефиристанд. Аксари онҳое, ки имрӯз ба ватан баргардондем, ба забони тоҷикӣ навишта ва хонда наметавонанд.

Ҳол он, ки дар ислом ҳамаи арзишҳо тибқи мақом ва мартабаи худ арҷгузорӣ шудаанд. Ислом дар баробари ибодат ва таълимоти динӣ буданаш, инчунин сартосар аз арзишҳои волои некӣ, саховатмандӣ, инсондӯстӣ, адлпарварӣ, илмомӯзӣ ва таҳаммулгароист, ки ҳар яки онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳолатҳои муайян мақоми баландтар ва устувортарро аз аркони дигари динӣ доро мебошад.

Масалан, Паёмбари ислом фармудаанд, ки «Омӯхтани илм баландтар аз ибодат аст».

Бузургтарин рисолати падару модар ва вазифаи муқаддаси ҳар як оила ва ҷомеа, пеш аз ҳама, таълиму тарбияи фарзандони соҳибмаърифат, бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар, дорои ахлоқу одоби ҳамида ва ҳунарманду соҳибкасб мебошад.

Вале бори дигар таъкид месозам, ки амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» то ба ҳол ба таври дилхоҳ ба роҳ монда нашуда, татбиқи воқеии он аз ҳамаи мо, пеш аз ҳама, аз падару модарон андешидани чораҳои зарурӣро талаб менамояд.

Бинобар ин, вазоратҳои маориф, фарҳанг, Академияи илмҳо, кумитаҳои оид ба корҳои дин, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, телевизион ва радио, Иттифоқи нависандагон вазифадоранд, ки таблиғу ташвиқи бештари мазмуну мӯҳтавои қонунро ба роҳ монанд, китобу маҷаллаҳоеро, ки фарогири панду андарзҳои марбут ба таълиму тарбияи фарзанд мебошанд, бештар нашр намоянд.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки ахлоқ вақте ба хислати инсон табдил мегардад, ки худи муҳит ахлоқӣ ва худи ҷомеа хусусияти тарбиятгарӣ дошта бошад.

Вобаста ба ин, ман ба ҳамаи кормандони соҳаи маориф, дар навбати аввал ректорони донишгоҳу донишкадаҳо ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву умумӣ бори дигар қатъан таъкид месозам, ки ба масъалаи тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавонон бо камоли масъулият ва поквиҷдонӣ муносибат намоянд ва фаромӯш насозанд, ки дар ин кори ниҳоят муҳим ҳар як роҳбар масъулияти шахсӣ дорад.

Ҳамчунин зарур аст, ки худи роҳбарону масъулони муассисаҳои таълимӣ ҳам дар назди шогирдони хеш ва ҳам дар ҷомеа намунаи ибрат бошанд.

Замони навин ва асри ҷаҳонишавӣ дар назди халқҳои дунё ҳам имкониятҳои нав ва ҳам мушкилоти зиёдеро пеш овардааст, ки сарнавишти ояндаи миллатҳо ба истифодаи дурусти ин имкониятҳо ва ба ҳаллу фасли ин мушкилиҳо сахт вобаста мебошад.

Агар бахше аз ин масъалаҳо хусусияти сиёсиву иқтисодӣ дошта бошад, бахши дигари онҳо бевосита ба соҳаи маориф ва сатҳу савияи донишу маърифати башарият марбут аст.

Дар ин раванд ҷомеаи мо низ бо масъалаҳое рӯ ба рӯ гардидааст, ки ҳалли дурусти онҳо ба рушди амиқи кишвар такони ҷиддӣ мебахшад.

Бовар дорам, ки бо саъю кӯшишҳои ватандӯстонаи ҳар як фарди бонангу номус, олимону зиёиён, хусусан падару модарон ва аҳли маориф пешрафти илму маориф дар баробари суботи сиёсӣ ва муттаҳидиву ягонагии миллат ҳамчун муҳимтарин дастоварди ҷомеаи муосир барои ташаккули низоми дунявӣ ва демократӣ дар Ватани азизамон, инчунин пирӯзии хираду доноӣ бар ҷаҳолату нодонӣ саҳми барҷаста хоҳад гузошт.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар Рӯзи донишро ба кулли донишомӯзону устодони Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ба ҳамаи шумо, устодону хонандагон, наврасону ҷавонон ва донишҷӯёни азиз, ки дар ин ҷо ҳузур доред, муборакбод гуфта, ба шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, барои азхудкунии илму донишҳои замонавӣ азму иродаи қавӣ ва дар роҳи тарбияи насли соҳибилму бомаърифат, ки яке аз ниёзмандиҳои асосии давлатдории навинамон маҳсуб мешавад, барору комёбӣ орзумандам.

Рӯзи дониш - рӯзи арҷгузорӣ ба илм ва маорифу маърифат муборак, ҳамдиёрони азиз!

**Ташаккур!**

●Робитаҳои байнипарлумонӣ

## ҲАМКОРИҲО ГУСТАРИШ МЕЁБАНД

**30 августи соли 2012 роҳбари Гурӯҳи дӯстии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парлумони Ҷумҳурии Корея Махфират Хидирова бо кордори Сафорати Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ен Ҷон-ку мулоқот намуд.**

Дар мулоқот оид ба тақвияти ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея, густариши равобити байнипарлумонӣ изҳори назар карда шуд.

Ташкили гурӯҳи дӯстӣ ҳамчун намунаи муносибати неки байни парлумонҳои ҳар ду давлат арзёбӣ гардид.

Аз барқарор шудани робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея 20 сол сипарӣ мегардад. Изҳори қаноатмандӣ карда шуд, ки дар ин муддат ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра тадбирҳои судманд амалӣ гардонида шуданд. Оянда низ ин робитаҳо идома хоҳанд ёфт.

Ҷаноби Ен Ҷон-ку аз ҷониби фонди кореягӣ роҳбари Гурӯҳи дӯстии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парлумони Ҷумҳурии Кореяро соли оянда ба кишвараш даъват намуд.

Зикр гардид, ки ба муносибати 20 - солагии барқарор шудани робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея аз 17 то 21 сентябри соли ҷорӣ дар Кохи ҷавонони шаҳри Душанбе ҳафтаи киноии Ҷумҳурии Корея доир мегардад.

*А. МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум»*

●Дар мавзӯи рӯз

## ТАРБИЯИ НОСОЛИМ БАР ЗИЁНИ ҶОМЕА АСТ

**Тавре аз дебочаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бармеояд, мақсади қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватан, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад. Ба арзишҳои миллӣ, пеш аз ҳама, моликияти моддию маънавие дохил мешаванд, ки мутааллиқ ба миллати мост ва эҳтирому ҳифзи он вазифаи муҳим мебошад.**

Аз ин ҷиҳат таълиму тарбия масъалаи басо мураккаб буда, фаъолияти дастаҷамъонаро тақозо дорад, зеро дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд мувофиқи мақсад тарбия намудани насли наврас мароми асосии волидайн, давлат ва ҷомеа мебошад.

Тавре аз муқаррароти қисми 2 моддаи 5-уми қонуни мазкур бармеояд, вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад. Зери мафҳуми шароити маънавӣ таъсир расондан ба дунёи ботинии фарзанд, дар ӯ тарбия кардани маърифати баланд, фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкорӣ, адлу инсоф ва амсоли онҳо дар назар аст.

Дур мондан аз бархӯрдории чунин хислатҳои неки инсонӣ ҷавонону наврасонро ба гумроҳӣ, даст задан ба ҷиноят ва дигар амалҳои номатлуб мебарад. Беназоративу бемасъулиятии падару модар, раванди сусту нокомили таълиму тарбия дар баъзе аз мактабу муассисаҳои таълимӣ, бетарафии муаллимон, дуруст ба роҳ намондани дарсҳои тарбиявию машғулиятҳои варзишӣ ба он сабаб мегардад, ки дар миёни мактаббачагон ҷанҷолу хархаша ва ихтилофҳои гурӯҳӣ ба вуқӯъ пайваста, сабаби хусумат ва зарари сахти ҷисмонӣ дидани бисёре аз ин ноболиғон мегардад.

Масалан, 22 январи соли равон ба қисми навбатдории Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе «Сино -1» хабар медиҳанд, ки дар кӯчаи Маяковский дар назди мағозаи «Кироммиддин» миёни як гурӯҳ ноболиғон занозанӣ сурат гирифтааст.

Дар мунокишаи гурӯҳ, ки бо маслиҳати пешакии ноболиғон Валиҷон Насимов, Файзулло Қаюмов, Саиди Рустамзод ва дигар ҳамроҳони онҳо ба вуқӯъ пайвастааст, шаҳрванд Далер Уроқов мавриди таҳқир ва латукӯб қарор мегирад. Ба ин қаноат накарда, гурӯҳи номбурда се маротиба бо корд ба пойи ӯ зада, аз ҷойи ҳодиса фирор мекунанд.

Худи ҳамон рӯз соати тахминан 20, ин гурӯҳи ноболиғон кирдорҳои авбошонаи худро идома дода, шаҳрванд Азизи Содиқро низ дашному таҳқир ва латукӯб намуда, бо корд ба пойи чапаш мезананд, ки дар натиҷа ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ мебардорад.

Мувофиқи маълумотномаи тиббӣ аз зарбаи корд мавсуф дар қисми болои рони чап бо буридани рагҳои хунгард ҷароҳат бардоштааст ва дар ҳолати вазнин қарор дорад.

Вобаста ба ин далел аз ҷониби бахши тафтишотии Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе «Сино -1» парвандаи ҷиноӣ оғоз ва беш аз 20 нафар ноболиғон боздошт гардидаанд. Ҳоло панҷ нафарашон барои ташкил ва содир намудани ин ҷиноят ба ҳабс гирифта шудаанд.

Зикр кардан зарур аст, ки аксари ин ноболиғон хонандагони мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ буда, беодобу бадахлоқ ва дорои маърифати пасти ҳуқуқӣ ва дониши ғайриқаноатбахш мебошанд.

Қисми 1 моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» масъулияти ҷомеаро низ дар таълиму тарбияи насли наврас пешбинӣ менамояд, зеро нақши ҷомеа дар таъсир расондан ба шуури равони кӯдак муассир аст.

Кӯдак ҳангоми пайвастан ба ҷомеа кӯшиш менамояд, ки худро узви он ҳисобад ва гуфтору кирдори худро ба он монанд гардонад. Ин ҳолатҳо метавонанд мусбӣ ва манфӣ бошанд.

Аз ин лиҳоз, тибқи муқаррароти қонуни мазкур, ба зиммаи ҷомеа на танҳо огоҳ намудани мақомоту муассисаҳои дахлдор ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани наврасон, балки масъулияти бевоситаи дар таълиму тарбияи насли наврас саҳм гирифтан низ вогузошта мешавад.

Бетарафии ҷомеа дар мисоли боло возеҳу равшан аст. Агар бетарафии падару модар, омӯзгорони мактаб, сокинони маҳал намебуд, чунин амалҳои авбошӣ бо иштироки беш аз 20 нафар содир намегардид. Мутаассифона, ин мисоли ягона нест. Ҳодисаи 31 декабри соли гузашта аз ҷониби як гурӯҳ ноболиғон рӯйдода ҳанӯз фаромӯш нашудааст. Дар ин ҳодиса Парвиз Давлатбеков (бобои барфӣ), ки мавриди ҳамлаи чанде аз авбошони наврасу ноболиғ қарор гирифта буд, дар натиҷаи бардоштани захмҳои вазнин дар бемористон вафот кард.

Ташвишовар он аст, ки баъзан чунин амалҳои ҷиноятӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, яъне дар ҳузури аҳли ҷомеа содир мешаванд. Чунончӣ, 6 июли соли ҷорӣ ноболиғ - сокини ноҳияи Рӯдакӣ Хушнуди Бобозода, ки бо аҳли оилааш барои истироҳат ва сайругашт ба боғи «Пойтахт» омада буд, қурбони мунокишаи як гурӯҳ авбошон мегардад. Ноболиғ Сиёвуш Нурмаҳмадов ба назди ӯ омада, пешниҳод мекунад, ки бозичаҳои барқии равшанидиҳанда харад. Хушнуд харидории ин бозичаро рад мекунад. Сиёвуш Нурмаҳмадов аз ин ба ғазаб омада, бо гурӯҳи «дӯстон»-и авбошаш, ки дар боғ бетартибӣ мекарданд, ӯро сахт маҷрӯҳ менамоянд. Ҳатто бародаронаш натавонистанд, ки Хушнудро аз дасти ин авбошону оворагардон раҳо намоянд. Аз зарбаҳои зиёд ӯ аз пой меафтад ва ҳангоми бурдан ба бемористон дар роҳ ба ҳалокат мерасад.

Вобаста ба ин ҳодиса аз ҷониби милитсия ҳафт нафар наврасон дастгир шуданд, ки хонандагони мактабҳои миёна ва литсей мебошанд. Кормандони милитсия бо таассуф мегӯянд, ки баъзе аз сокинони маҳал ба ҷойи ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ёрӣ расондан ҷинояткоронро ҳимоя намуданд ва мусоидат карданд, ки гумонбари асосӣ фирор намояд. Вале ҷинояткори асосӣ дур рафта натавонист ва аз ҷониби милитсия ҳамроҳи «дӯстон»-и авбошаш дастгир шуд. Нисбати ин ҳодиса аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст.

Тавре аз дафтари матбуоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо иттилоъ доданд, дар шаш моҳи соли равон 343 ҳолати содир намудани ҷиноят аз ҷониби ноболиғон ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 64 ҷиноят (22,9 фоиз) зиёд мебошад. Яъне, вазъ хеле нигаронкунанда аст.

Барои паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон ба таври мунтазам гузаронидани амалиётҳои муштарак бо номҳои рамзии «Оворагард», «Талбанда» ва «Наврас» ба роҳ монда шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2012 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби кормандони шӯъбаҳои кор бо ноболиғони ВКД 873 рейд гузаронида шуд, ки дар натиҷа 5068 нафар, аз ҷумла барои тарки мактаб ва оворагардӣ 1747 нафар, талбандагӣ 420 нафар, испанддудкунӣ 75 нафар, кашонидани бори мизоҷон дар бозорҳо 264 нафар, шустани автомобилҳо 470 нафар, ноболиғони бепарастор 50 нафар, ҳозир шудан ба муассисаҳои таълимӣ бо телефонҳои мобилӣ 282 нафар ва ғайраҳо ошкор ва ба шӯъбаи корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оварда шуданд. Аз ин ҳисоб 3449 нафарашон хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 223 нафар хонандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, коллеҷу техникумҳо, 73 нафар хонандагони мактаб-интернатҳои махсус ва 40 нафар аз оилаҳои носолим мебошанд. Бо ин ноболиғон корҳои тарбиявӣ, инфиродӣ ва пешгирикунанда гузаронида, онҳо ба волидайн ва муассисаҳои таълимӣ баргардонида шуданд.

*М.АЪЗАМ,*
*«Садои мардум»*

## БАРҚИЯҲОИ ШОДБОШӢ

**31 августи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Алмазбек Отамбаев барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла омадааст:**

«Мӯҳтарам Алмазбек Шаршенович!

Аз самими қалб Шумо ва ҳамаи халқи Қирғизистонро бо солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон табрик менамоям.

Тоҷикистон ният дорад баҳри истифодаи иқтидори ғании муносибатҳои дӯстона, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни кишварҳои мо, ки робитаи онҳо решаҳои амиқи таърихиро дорост, тамоми саъю кӯшиши худро ба харҷ диҳад.

Ман аминам, ки ҳамкории байни давлатҳои мо минбаъд низ ба манфиатҳои халқҳои мо дар роҳи сулҳу субот ва пешравӣ ба таври рӯзафзун рушд меёбад.

Бо истифода аз ин фурсати муҳим ба Шумо, мӯҳтарам Алмазбек Шаршенович, саломативу комёбиҳо ва ба халқи дӯсти қирғиз сулҳу беҳбудӣ таманно дорам.».

****

**Якуми сентябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ба муносибати солгарди Истиқлолияти ин кишвар барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла чунин омадааст:**

«Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич!

Солгарди Истиқлоли миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ман имкони муносибе фароҳам меорад, то Шумо ва халқи кишвари Шуморо бо ин санаи таърихӣ табрик намоям.

Тоҷикистон ҷонибдори мутмаини рушди минбаъдаи ҳамкориҳои созандаи байни ду кишвар, ки ба усулҳои эътимоди мутақобила, ҳуқуқи баробар ва эҳтироми ҳамдигар, анъанаҳои бисёрасраи дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ асос ёфтаанд, боқӣ хоҳад монд. Мо бовар дорем, ки чунин ҳамкорӣ на фақат ба манфиати кишвару халқҳои мост, балки ба манфиати минтақа низ хизмат мекунад. Дар ин рӯзи таърихӣ ба Шумо, мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич, сиҳатмандию комёбиҳо, ба халқи дӯсти Ӯзбекистон сулҳу шукуфоӣ орзу менамоям.».

*www.president.tj*

## Меваҳои истиқлол



Китобхонаи миллии Тоҷикистон




Мактаби байналмилалии президентӣ




Ҳайкали А. Рӯдакӣ

Суратгир А. ИСОЕВ

● Иди «Асал ва харбуза»

# АСАЛУ ХАРБУЗАҲОИ ШАКАРИН ПЕШКАШИ ХАРИДОРОН ГАРДИД



Бо мақсади рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар мамлакат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010 таҳти № 418 «Дар бораи барномаи рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» қабул гардид.

Яке аз тадбирҳое, ки дар ин самт амалӣ мегардад, баргузории иди «Асал ва харбуза» мебошад.

Рӯзи якшанбе, 2 сентябри соли ҷорӣ бахшида ба ҷашни 21-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе бо иштироки занбӯриасалпарварони ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иди «Асал ва харбуза» доир гардид.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 190 ҳазор оилаи занбӯри асал мавҷуд аст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 11 ҳазор оила зиёд мебошад.

Дар иди «Асал ва харбуза» ва ярмарка - фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ асалпарварону кишоварзони 24 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон дар бозори «Деҳқон»-и ноҳияи Сино ва «Саховат»-и ноҳияи Фирдавсии пойтахт ҷамъ омаданд. Онҳо зиёда аз 40 тонна асал ва 300 тонна маҳсулоти кишоварзиро ба сокинон ва меҳмонони пойтахт нисбат ба нархи бозор то 20-30 фоиз арзонтар пешкаш карданд. Кишоварзони ин вилояти зархези ҷумҳурӣ дар баробари асал ва харбуза, ҳамзамон ҳосили фаровони маҳсулоти дигари кишоварзиро ба намоиш ва фурӯш гузоштанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон имсол занбӯриасалпарварон ҳосили баланд ва фоидаи хуб ба даст оварданд. Дар ноҳияи Мӯъминобод, ки шароит ва иқлими он ба соҳаи занбӯриасалпарварӣ мусоидат мекунад, соли гузашта 5720 оилаи занбӯри асал парвариш меёфт. Имсол бошад, теъдоди он ба 6850 оила расонида шуд. Дар баробари сабзавоткорию боғдорӣ дар шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Данғара, Вахш, Ҷалолиддини Румӣ, Ховалинг, Ҷиликӯл ва Абдураҳмони Ҷомӣ кишоварзон аз соҳаи асалпарварӣ фоидаи хуб ба даст оварданд.

Ҳамчунин шароит ва иқлими вилояти Хатлон барои парвариши маҳсулоти полезӣ хеле мувофиқ мебошад. Хоҷагидорон навъҳои гуногуни харбузаро парвариш намуда, аз он ҳосили баланд рӯёниданд. Дар баргузории иди «Асал ва харбуза» маҳсулоти гуногуни полезии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷойи хосаро ишғол намуда, аз ҷониби комиссияи корӣ беҳтарин дониста шуданд.

Намояндагони шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Ёвон, Данғара, Бохтар, Ховалинг, Мӯъминобод ва Вахш ҳамчун асалпарварони беҳтарин шинохта шуданд. Ҷойҳои ифтихориро дар бахши харбузапарварӣ ноҳияҳои Ҷалолиддини Румӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Панҷ, Восеъ, Фархор ва Шаҳритуз ишғол карданд.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН !

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2551/1-1163 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ L-62 Бензини АИ-92 | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 07.09.2012 соати 9⁰⁰ |
| 2552/1-1164 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ L-62 Бензини АИ-92 | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 07.09.2012 соати 9³⁰ |
| 2553/1-1165 | Раёсати назорати давлатии байторӣ дар сарҳади давлатӣ ва нақлиёт | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Автомашинаи сабукрав ВАЗ-21214 Нива, соли 2012, рангаш сафед, муҳаррики 1.7 $м^3$, бензин, қуттии механикии масофа тайнакарда бошад | адад | 1 | 13.09.2012 соати 9⁰⁰ |
| 2554/1-1166 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои сохтмонӣ | номгӯй | 35 | 24.09.2012 соати 9⁰⁰ |
| 2555/1-1167 | Идораи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 3 | 13.09.2012 соати 9³⁰ |
| 2556/2-734 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 5 | 13.09.2012 соати 9⁰⁰ |
| 2557/2-735 | Шӯъбаи маорифи н. Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 7 | 13.09.2012 соати 9³⁰ |
| 2558/2-736 | Шӯъбаи фарҳанги н. Варзоб | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Динакорд Повер мат – 1600 Ноутбук | адад адад | 1 1 | 13.09.2012 соати 10⁰⁰ |
| 2559/3-604 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои н. Синои шаҳри Душанбе» | Х. Исмоилов 227-04-75 | Корҳои ороишӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.09.2012 соати 9⁰⁰ |
| 2560/3-605 | Шӯъбаи маорифи н. Синои шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмир намудани кӯдакистони №42 | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.09.2012 соати 9³⁰ |
| 2561/3-606 | Донишгоҳи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов | Х. Исмоилов 227-04-75 | Шинонидани тирезаҳои пластикӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.09.2012 соати 10⁰⁰ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# ДОМИ ФИРЕБ БАРОИ СОДДАЛАВҲОН

Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятиро нисбати судшавандагон Кобулов Ҳодиҷон Сафаралиевич, Зокиров Ташрибҷон Боқиевич, Лоиқов Сайфулло Хушвахтович ва Лоиқов Баҳром Хушвахтович ба итмом расонид ва парвандаи мазкур аз ҷониби Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мавриди баррасӣ қарор гирифта, нисбат ба судшавандагон ҳукмҳои айбдоркунанда бароварда шуд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир ашхоси ҷиноятпешае пайдо шудаанд, ки худро ба шаҳрвандон ҳамчун корманди мақомоти прокуратура ва ё хешу табори онҳо муаррифӣ намуда, бо роҳи фиреб барои ба анҷом расонидани кор ё хизмати муайян аз шаҳрвандон маблағҳои пулӣ ситондаанд.

Чунончӣ, Кобулов Ҳодиҷон Сафаралиевич, ки дар ҳеҷ ҷо кор намекард, дар давоми солҳои 2010-2012 худро ба шаҳрванд Убайдуллоев ҳамчун корманди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намуда, бо роҳи фиреб ба боварии ӯ даромада, аз вай гӯё барои аз маҳбас озод кардани фарзандаш Убайдуллоев Ҷӯрабек Хушмуродович, ки бо ҳукми Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2011 ба мӯҳлати 20 сол ба ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум карда шуда буд, 3900 доллари ИМА ситонидааст.

Бо ҳукми Суди ноҳияи Сино аз 16 августи соли 2012 Кобулов Ҳодиҷон Сафаралиевич барои содир намудани ҷинояти қаллобӣ бо моддаи 247 қисми 4, банди «б»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, маҳкум карда шуд.

Ба ҳамин монанд, тибқи маслиҳати пешакӣ Зокиров Ташрибҷон Боқиевич, Лоиқов Сайфулло Хушвахтович ва Лоиқов Баҳром Хушвахтович худашонро ба шаҳрванд Қурбонов Анвар ҳамчун хешу табори корманди воломақоми Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намуда, бо роҳи фиреб аз ӯ 3773 доллари ИМА-ро гирифта, ба ҷайби хеш зада, ваъда кардаанд, ки ӯро ба мақомоти прокуратура ба кор қабул мекунанд.

Бо ҳукми Суди ноҳияи Сино Зокиров Ташрибҷон Боқиевич, Лоиқов Сайфулло Хушвахтович ва Лоиқов Баҳром Хушвахтович барои содир намудани ҷинояти қаллобӣ бо моддаи 247 қисми 4, банди «б»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ҷазоҳои гуногун маҳкум карда шуданд.

Аз ин хотир, аз шаҳрвандон хоҳиш карда мешавад, ки ба доми фиреби чунин ашхоси қаллоб наафтида, оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба тариқи расмӣ ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

***Маркази ахбори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон***


## «МАСКА» ВА «КОНЦЕНТРАТ» -БАР ЗИДДИ РЕХТАНИ МӮЙ



### (Малҳам барои мӯй)

Бори аввал дар Тоҷикистон воситаи ниҳоят самарабахши косметикии малҳам «Маска» (Балзам для волос «Маска») ва шампун бо номи «Концентрат», ки дар таркибашон ҷавҳари газна доранд, пешкаши мизоҷон гардид.

«Маска» ва «Концентрат» ғизогирии мӯйро беҳтар намуда, воситаи беҳамтои мустаҳкамии торҳои мӯй ва решаҳояш буда, ба инкишофи хеле тези онҳо мусоидат менамояд. Сабӯсак, хориш ва шахшӯлии мӯйро бартараф мекунад. Ба он ҷилои табиӣ бахшида, барои ҳамаи намудҳои мӯй муносиб аст ва истифодабариаш махсус рӯзҳои муайянро талаб намекунад.

Инчунин мӯйҳоеро, ки дар натиҷаи рангкунии бардавом, пӯшидани сарбанд ва истифодаи парикҳо рехтаанд, аз решаашон барқарор менамояд.

**ТАРЗИ ИСТИФОДАБАРӢ:**

«Маска»-ро ба пӯсти тозаи сар ва мӯйҳо молида, 5-6 дақиқа барои таъсиррасониаш нигоҳ дошта, сипас бо («Концентрат» ном шампун низ мешӯед, 3-5 дақиқа нигоҳ доред). Аз чорсола боло барои ҳамаи синну сол ва барои марду зан истифодабариаш мумкин аст.

Навъи барориш- 150 мл. дар тубик.Тел: шаҳри Душанбе 918-14-58-58; вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеи он 927-49-33-47.

***Танҳо аз дорухонаҳо пурсон шавед.***

## «ГАЛЕГА-НОВА»- ДАВОИ НАВИ БЕЗАРАР БАР ЗИДДИ ДИАБЕТИ ҚАНД



Дар ҷаҳони муосир беморон кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми табобат то ҳадди имкон аз воситаҳои синтетикӣ камтар ва аз гиёҳу фитопрепаратҳо бештар истифода баранд. Охир воситаҳои кимиёвӣ як ҷойи касро шифо бахшад, ба ҷойи дигараш зарар мерасонад. Беҳуда нест, ки дар кишварҳои рушдкарда ба доруҳои кимиёвӣ танҳо дар сурати зарурати сахт рӯ меоранд (агар наркоз, воситаҳои сахттаъсир, таскинбахшҳои пурзӯр ва ғайра даркор шаванд). Инро ба инобат гирифта, Корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия воситаи универсалии босамареро дар шакли хурӯшаҳо бо номи «Галега-нова» коркард намудааст. Галега-нова барои

*-табобати бемории диабети қанди навъҳои 1-2 ва пайтаъсирҳои (осложнение) он;*

-таъсири диабети қанд ба чашмон, гурдаҳо, пойҳо;
-шаклҳои гуногуни фарбеҳӣ, бемории варикозӣ;
-тарбод (ревматизм) ва мафосил (подагра) истифода бурда мешавад;
-шахсони бо инсулин вобаста ҳам метавонанд истифода баранд.

Инчунин таъсири зиддисклерозӣ дошта, рагу пайвандҳоро мустаҳкам мекунад.

*Сатҳи глюкоза ва холестеринро дар хун паст мекунад*

Бо доруҳои кимиёвӣ барои муолиҷаи диабети қанд истеъмол намудани «Галега-нова», имкон медиҳад бамаротиб истифодаи доруҳои кимиёвиро кам намоед. Ҳангоми истифодаи «Галега- нова» шахси дардманд беҳбудию саломатиашро баръало ҳис хоҳад кард.

Истеъмол: дар як рӯз се бор, 1- қошуқчагӣ 20 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл. оби гарм омехта нӯшед.

***Давомнокии истеъмол -аз 30 то 90 рӯз.***

**Ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст.**

***Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.***

***Тел: шаҳри Душанбе: 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 927-49-33-47, 988-80-88-85.***

***Нархаш -то 40 сомонӣ.***


## Ду хабар аз Ванҷ

### Корхонаи дӯзандагӣ ба кор сар кард

Тибқи иттилои сардори бахши Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолон»-и ноҳияи Ванҷ Сироҷ Наҷмиддинов бо кӯмак ва дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир баҳри ҳалли масоили бо кор таъмин кардани сокинони ноҳия, ҳамзамон касбу ҳунаромӯзии калонсолон тадбирҳои муҳим андешида мешавад. Аз он ҷумла дар Маркази таълимии Ванҷ тайи ду соли охир зиёда аз 700 нафар калонсолон аз курсҳои ҳосил кардани малакаҳои корӣ гузаштанд.

Дар деҳаи Мотравни деҳоти «Язгулом» баъди бозомӯзӣ чанд нафар духтарон соҳиби касби дӯзандагӣ ва ҷойи кори доимӣ гаштанд. Ба гуфти сардори коргоҳи хурди дӯзандагӣ Азалшо Назришоев қариб бист нафар ҷавондухтарон соҳибкасб шуданд. Ҳамчунин бо кӯмак ва дастгириҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои кушодани сехи дӯзандагӣ як бинои муносиб ҷудо карданд. Ин ҷо акнун 12 нафар чевардухтарон ба мардуми ин водӣ хизмат мерасонанд. Ба гуфти мудири бахши занон ва кор бо оилаи ноҳия Моҳшариф Хомушова корхонаи хурди дӯзандагии деҳаи Мотравн тӯҳфаи хубест ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон.

### ОБОДГАРИҲО ДАР МАКОНҲОИ САНГЛОХ

Тайи се соли охир дар ноҳия Ванҷ маҳаллаҳои нави аҳолинишин бунёд гардидаанд. Ҳамаи ин ободгариҳо дар маконҳои собиқ санглох ва партов рух дода истодаанд. Ёдовар мешавем, ки то заминларзаи шадиди соли 2010 дар Ванҷ рухдода дашти Сурхсангов як макони регзори камҳосил ва қариб аз назарҳо дургашта ба ҳисоб мерафт. Солҳои ҳаштодуми қарни гузашта дар он ҷо хати обгузар сохтанд ва тавассути лӯлаҳо як қисмати ин дашт обёрӣ гардид.

Баъди сар задани заминларза, бо дастур ва ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мӯҳлати камтар аз як сол дар дашти Сурхсангов шаҳрчаи нави истиқоматӣ барои бештар аз 150 хонавода, инчунин мағоза, маркази саломатӣ ва бинои мактаб сохта шуд. Зимни таҷлили ҷашни Ваҳдати миллӣ соли 2010 Сардори давлат ба ин макони нави аҳолинишин омад ва дашти Сурхсанговро Ваҳдат номгузорӣ кард.

Ҳамчунини дар дашти Язгулом, дар канори шоҳроҳи байналмилалии Кӯлоб-Дарвоз-Хоруғ-Мурғоб-Қулма макони нави аҳолинишин барои мардуми деҳоти «Язгулом» бунёд гашт, ки ин макон ҳам рамзи ободгариҳо ва бунёдкориҳои айёми истиқлолият ва ваҳдати миллатамон гаштааст. Тибқи нақшаи тарҳрезикардаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ дар дашти Бовуд шаҳраки истиқоматӣ бунёд карда мешавад. Хуллас, чунин маконҳои санглох ва бекорхобида дарояндаи дуру наздик ба ҷойҳои хушманзара, боғистонҳо, дарахтзорону киштзорон ва ҷойи зисти инсонҳо табдил хоҳанд ёфт.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***





ПАРДОХТИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАСТРАС ШУД!

**Бо хушнудӣ ба Шумо хабар медиҳем, ки акнун мизоҷони Ширкати "МегаФон-Тоҷикистон" ва "Tcell" бидуни комиссия метавонанд ҳаққи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро бо кортҳои пластики ҶСК «Агроинвестбонк» тавассути банкоматҳои бонк, инчунин тавассути низомҳои «Интернет-бонкинг» ва «Бонкинги мобилӣ» пардохт намоянд.**

**Дар банкоматҳои бонк дар банди «Рӯйхат» («Меню») ишораи нав пайдо шуд, ки бо истифода аз он дар низоми вақти ҷорӣ барои хизматрасониҳои алоқаи мобилии Ширкати "МегаФон-Тоҷикистон" ва "Tcell" маблағ гузаронидан мумкин аст.**

**Ба воситаи хизматрасониҳои «Интернет-бонкинг», Шумо метавонед пардохти худро дар низоми автоматикӣ ба нақша гиред. Дар ин сурат, тавозуни телефони мобилии Шумо ба таври автоматикӣ дар сана ва вақти нишондодаи Шумо пур карда мешавад.**

МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ : (44) 600–68–68 WWW.AGROINVESTBANK.TJ


## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе амволи ба ҳабс гирифташудаманзили чорҳуҷрадорро дар ошёнаи сеюми бинои истиқоматӣ, ки дар нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Федина, бинои 5, ҳуҷраи 82 воқеъ аст, 4 октябри соли 2012 соати 10⁰⁰ **бо арзиши ибтидоии 350400 (сесаду панҷоҳ ҳазору чорсад) сомонӣ ба фурӯш мегузоранд.**

Хоҳишмандон метавонанд маълумоти иловагиро аз иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо телефони 235-21-66 дастрас намоянд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «Судайшана» бо суроғаи кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 45, ҳуҷраи 14-ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Ибодов Раҳматулло Ҳикматуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгири давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0132883 бо РЯМ 1230046547 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 26 октябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.


## «ПРОСТАДОНТ»- ТАЪСИРНОКИАШРО ВАҚТ ИСБОТ КАРДААСТ



Ёздаҳ унсури шифобахши табиии он таъсири зиддиилтиҳобӣ ва антисептикии баръало доранд.

Простатит бемории паҳншудае аст, ки мардони аз 25 -сола болоро ташвиш медиҳад.

Корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия фитопрепарати навтаринро бо номи «Простадонт» коркард намуд.

Дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:
-простатитҳои шадид ва бардавом;
-гипертрофия ва аденомаи ғадуди простата;
-атонияи ғадуди простата дар пасманзари простатити бардавом;
-бемориҳои гурдаҳо ва мезакдон;
-майли ҷинсиро зиёд, боҳро беҳ ва нутфарезии бармаҳалро хеле камтар мекунад;
-диурезро афзоиш медиҳад, тамоми ҷисмро боқувват месозад.

*«Простадонт»- давои табиии нотакрор бар зидди аденома ва простатити шадид.*

**Истеъмол 30 рӯз, як қошуқчагӣ, чор бор дар як рӯз бо 100 мл. оби ширгарм, 30 дақиқа пеш аз таом.**

**Шакли истеҳсол: 90 г.дурдоначаҳо дар қуттичаи пластикӣ. Нархаш- 40 сомонӣ. Рақами қайд №001556.**

***Аз дорухонаҳо дастрас намоед.***


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Дипломи ДТО №0054596-и гумшуда, ки онро Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ соли 2009 ба Қараева Гулноз Муйдиновна додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли Т-Ш, Т № 010340-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 18 июни соли 1990 ба Ҷафаров Абдулманон Акбарович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми таҳти №077724-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №98-и шаҳри Турсунзода соли 1992 ба Брянцева Елена Валерьевна додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи бақайдгирии №3998-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1987 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, хоҷагии Россия, деҳоти Қуштеппа, деҳаи Димитров, ҳавлии 367 ба Ҳайдаров Даврон додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1987 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, хоҷагии Россия, деҳоти Қуштеппа, деҳаи Димитров, ҳавлии 367 ба Ҳайдаров Даврон додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатномаи бақайдгирии №22009-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Шерализода (собиқ кӯчаи Федина), бинои 9, ҳуҷраи 104-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 декабри соли 1990 ба Махкамова Субҳинисо додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро бахши шиносномадиҳии ШКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Шерализода (собиқ кӯчаи Федина), бинои 9, ҳуҷраи 104-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1990 ба Махкамова Субҳинисо додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи ТТ № 0025086, рақами қайди 210-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб 9 июли соли 2001 ба Давлатов Дилшод Тағоймуродович додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 3 сентябри соли 2012, соати 19.50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23874 нусха

Навбатдори шумора Неккадамов Т.

Тарроҳи компютерӣ Нигина Исмоилова